Тақризи мушовири илмӣ ба диссертатсияи Асомиддинзода Шарофиддин таҳти унвони "Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифии Лоҳурӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ

Воқифи Лоҳурӣ аз шоирони соҳибҳунари адабиёти форсизабони Ҳинд буда, бо вуҷуди ривоҷи сабки ҳиндӣ, ба суннатҳои сабки ироқӣ пайравӣ кардааст. Бо вуҷуди арзиши адабии осори ӯ, то имрӯз ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир таваҷҷуҳи кофии илмӣ зоҳир нашуда, ӯ дар миёни муҳаққиқон ҳамчун шоири «гумномтарин» маъруф гардидааст. Маълумоти мукаммал дар бораи насаб, вазъи иҷтимоӣ, муҳити зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Воқиф дар сарчашмаҳои илмӣ хеле маҳдуд буда, осори ӯ низ ба таври ҳамаҷониба таҳқиқ нашудааст. Ба ҷуз аз мақолаҳои пароканда ва як девони ғазалиёти ба алифбои тоҷикӣ баргардондашуда, инчунин як монографияи илмӣ, пажӯҳиши фарогири осори шоир анҷом наёфтааст. Аз ин рӯ, омӯзиши шаклу муҳтаво, мавзуъ ва бадеияти ашъори Воқифии Лоҳурӣ идомаи пажӯҳишҳои қаблӣ буда, аз нигоҳи аҳамияти илмӣ ва адабӣ мавзуи мубрам ба шумор меравад.

Ҳарчанд дар адабиётшиносии тоҷик то анҷоми таҳқиқи мавзуи мазкур мақолаҳои алоҳида, муқаддимаҳо ва дебочаҳое оид ба ҳаёту фаъолияти эҷодии Воқифи Лоҳурӣ ба табъ расида бошанд ҳам, онҳо асосан хусусияти ҷузъӣ дошта, дар доираи мавзуъҳои маҳдуди илмӣ таҳия гардидаанд. Аз ин рӯ, дар онҳо симои адабӣ ва ҳунарии шоир ба таври ҳамаҷониба бозтоб наёфтааст. Бо дарназардошти мавҷудияти паҳлуҳои то ҳол таҳқиқнашуда ва ё камомӯхтаи осори шоир, мавзуи диссертатсияи мазкур интихоб гардида, баррасии ҳамаҷонибаи он ба баъзе аз натиҷаҳои нави илмӣ дар омӯзиши эҷодиёти Воқифи Лоҳурӣ мусоидат намуд.

Диссертатсияи Асомиддинзода Шарофиддин дар мавзуи **"Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ"** аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, руйхати адабиёт ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ фароҳам омада, ба доираи масъалаҳои таҳқиқии **шиносномаи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ** (бандҳои 8-9-уми "Соҳаҳои таҳқиқот"), ки омӯзиши адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI-XIX, таҳаввули жанру сабкҳо, равияҳои адабӣ ва таҳлили вижагиҳои осори адибони ин даврароро фаро мегирад, комилан мувофиқат мекунад.

Дар **муқаддима** аҳаммият ва мубрамияти мавзуи таҳқиқ, навгонии илмии он, ҳадафу вазифаҳои пажӯҳиш муайян гардида, заминаи манбаъшиносӣ ва асосҳои методологии кор шарҳ дода шудаанд.
Ҳамчунин, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқ асоснок шуда, сохтори диссертатсия муаррифӣ гардидааст.

Боби аввали диссертатсия ба баррасии сарчашмаҳое бахшида шудааст, ки дар онҳо маълумот оид ба ҳаёт, фаъолияти эҷодӣ ва осори Воқифи Лоҳурӣ инъикос ёфтааст. Боб таҳти унвони «**Маълумот роҷеъ ба Воқифи Лоҳурӣ дар тазкираҳо, сарчашмаҳои илмӣ ва осори ӯ**» таҳия гардида, аз се фасл иборат мебошад.

Фасли аввали боби якум - «Сарчашмаҳои зикри зиндагинома ва осори Воқифи Лоҳурӣ» аз чаҳор зерфасл иборат буда, дар зерфасли якум - «Зикри ҳолу аҳвол ва ашъори Воқифи Лоҳурӣ дар тазкираҳо» маълумоти марбут ба зиндагӣ, фаъолияти эҷодӣ ва ашъори шоир, ки дар тазкираҳои замони ӯ ва даврaҳои баъдӣ инъикос ёфтаанд, ҷамъоварӣ, муқоиса ва баррасӣ шудаанд. Зерфасли дуюми боби аввал - «Ҳолу ашъори Воқифи Лоҳурӣ дар таҳлили муҳаққиқони алоҳидаи Эрон ва Афғонистон» ба баррасии мақолаҳо ва муқаддимаҳои пажӯҳишгарони ин кишварҳо бахшида шудааст. Зерфасли сеюми боби аввал - «Таҳқиқи ҳолу аҳвол ва осори Воқифи Лоҳурӣ дар адабиётшиносии тоҷик» ба баррасии маводи илмии муҳаққиқони тоҷик оид ба зиндагӣ ва эҷодиёти шоир бахшида шудааст. Зерфасли чоруми фасли аввали боби якум - «Нақши муқаддима ва дебочаҳои Девони Воқифи Лоҳурӣ дар таҳқиқи зиндагинома ва осори шоир» ба баррасии сарсухан, дебоча ва муқаддимаҳои нашрҳои гуногуни девони шоир бахшида шудааст. Дар он, аз ҷумла, нахустин нашри мукаммали девони Воқиф дар Покистон (1963), баргузидаи ашъори ӯ дар Эрон (2000), девони ғазалиёт дар Кобул (2006) ва нахустин нашри тоҷикӣ (2015) мавриди муқоиса қарор гирифта, аҳаммияти онҳо дар муайян намудани зиндагинома, нусхаҳои осор, ҳаҷм ва сохтори мероси адабии шоир нишон дода шудааст. Ҳамзамон, саҳми муҳаққиқон дар таҳияи девон ва ошкор намудани номувофиқатиҳои баъзе маълумоти сарчашмаҳо арзёбӣ гардида, нақши сарсухани нашри тоҷикӣ ҳамчун яке аз манбаъҳои муҳим барои бозсозии зиндагӣ ва осори Воқифи Лоҳурӣ таъкид шудааст.

Фасли дуюми боби аввал ба ашъори Воқифи Лоҳурӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими шинохти зиндагинома ва шахсияти шоир бахшида шудааст. Дар он бар пояи таҳлили байту ғазалҳои шоир ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ӯ, аз ҷумла айёми кӯдакӣ, муносибат бо падар ва аҳли оила, дурӣ аз зодгоҳ, муҳити зиндагӣ, даврони пирӣ ва хусусиятҳои

фардии шахсияташ бозсозӣ гардидаанд. Ҳамчунин, тавассути ашъор хислатҳои маънавию ахлоқии Воқиф, аз қабили донишмандӣ, хоксорӣ, сабру таҳаммул, тақво ва озодагӣ муайян шуда, бархе фарзияҳои қаблӣ оид ба зиндагии шоир бознигарӣ шудаанд.

Дар фасли сеюми боби аввал зиндагиномаи Воқифи Лоҳурӣ ва ҳаҷму шаклҳои осори ӯ бар асоси панҷ гурӯҳи сарчашмаҳои мавриди истифода баррасӣ гардида, марҳилаҳои асосии ҳаёти шоир - давраи таваллуду кӯдакӣ, камолот ва шуҳрати адабӣ, инчунин айёми пирӣ муайян шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Мувофиқатии шакл, устухонбандӣ ва мундариҷаи ғазалиёти Воқифи Лоҳурӣ»** буда, аз панҷ фасл иборат аст. Дар фасли аввал масъалаҳои назариявии марбут ба ҳаҷм ва сохтори ғазал баррасӣ шуда, бар асоси андешаҳои муҳаққиқони классикӣ ва муосир ҳудуди маъмултарини ғазал 6-15 байт муайян гардидааст. Дар фасли дуюм теъдод ва сохтори ғазалҳои ду девони Воқиф муқоиса гардида, хусусиятҳои ҳаҷмӣ ва шаклии онҳо мушаххас шудаанд. Фасли сеюм ба муҳтаво ва мавзуъҳои асосии ғазалиёти шоир бахшида шуда, мавзуъҳои ишқӣ, ирфонӣ, иҷтимоӣ, панду ахлоқӣ ва эътирозӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, ҷойгоҳи андешаҳои ирфонӣ ва образи «ринд» дар ғазалиёти Воқиф муайян гардидааст. Дар фасли чоруми боб мувофиқати вазн ва мундариҷаи ғазалҳо таҳлил шуда, нақши баҳрҳои гуногуни арӯз дар ифодаи ҳолати равонӣ, мазмун ва ғояи шеър муайян гардидааст. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки шоир бештар аз баҳрҳои рамал, ҳазаҷ, музореъ, хафиф ва муҷтасс истифода бурда, вазнро мутобиқ ба муҳтаво ва оҳанги ғазал интихоб кардааст. Фасли панҷум ба таносуби тасвир ва устухонбандии ғазалҳо бахшида шуда, хусусиятҳои қофияву радиф, матлаъ ва мақтаъ, ҷойгоҳи тахаллус ва унсурҳои тасвирии ашъор баррасӣ шудаанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки Воқифи Лоҳурӣ дар баробари пайравӣ аз суннати ғазалсароии классикӣ, дар сохтор, қофиябандӣ, радифсозӣ ва истифодаи санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла талмеҳ, паралелизм, парадокс ва ҳиссомезӣ, вижагиҳои эҷодии худро ба намоиш гузоштааст.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **«Мухтассот ва мушаххасоти қолабӣ ва мазмунии рубоиёти Воқифи Лоҳурӣ»** аз чаҳор фасл иборат буда, масоили асосии шаклӣ, сохторӣ ва мазмунии рубоиёти шоирро фаро мегирад. Дар фасли аввал - «Теъдод ва архитектоникаи рубоиҳои Воқифи Лоҳурӣ» теъдод ва хусусиятҳои сохтории рубоиёти шоир таҳлил гардида, дар маҷмуъ 209 рубоӣ муайян карда шудааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки рубоиҳои Воқиф аз лиҳози сохтори дохилӣ, вазн, қофия, радиф, бадеият ва таносуби унсурҳои шаклу мазмун асосан

ба талаботи жанри рубоӣ мутобиқ мебошанд. Муаллиф бо такя ба назарияҳои мавҷуда фарқи мафҳумҳои композитсия ва архитектоникаро муайян намуда, хусусиятҳои архитектоникии рубоиҳоро дар мавзуъҳои гуногун нишон медиҳад. Фасли дуюм - «Мухтассот ва мушаххасоти қофияи рубоиҳои шоир» ба таҳқиқи қофия ва шаклҳои қофиябандӣ бахшида шудааст. Навъҳои гуногуни қофия, аз ҷумла қофияи муқайяд ва мутлақ бо унсурҳои гуногуни он, мавриди таҳлил қарор гирифта, дар баробари ҳунари шоир баъзе нуқсонҳои қофия, аз қабили икво, икфо, ито ва синод низ нишон дода шудаанд. Дар фасли сеюм - «Вижагиҳои истифодаи радиф дар рубоиёти Воқифи Лоҳурӣ» ҷойгоҳ ва вазифаи радиф дар ташаккули сохтор ва маънои рубоӣ баррасӣ шудааст. Таъкид мегардад, ки радиф дар ашъори Воқиф бештар барои таъкиди матлаби асосӣ, таҳкими маъно ва таъмини мусиқияти сухан истифода шуда, дар баъзе мавридҳо дар ҳар чаҳор мисраъ такрор мегардад. Фасли чоруми боб - «Мундариҷаи ғоявӣ, мавзуъ ва бадеияти рубоиҳои Воқифи Лоҳурӣ» - ба таҳлили ҷанбаҳои мазмунӣ ва ғоявии рубоиёти шоир ихтисос ёфтааст. Муайян шудааст, ки рубоиҳои Воқиф доираи васеи мавзуъҳоро дар бар мегиранд: ишқу муҳаббат, ирфон, ҳолу аҳволи шахсӣ, ғарибӣ ва дурӣ аз ватан, масъалаҳои иҷтимоӣ, панду андарз, масъалаҳои динӣ-мазҳабӣ ва гузарони умри ҷавонӣ. Дар онҳо ҳамзамон таъсири муҳити иҷтимоӣ ва ҳолати рӯҳии шоир инъикос ёфта, андешаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ низ ҷойгоҳи муҳим доранд.

Боби чоруми диссертатсия таҳти унвони **«Махсусиятҳои композитсионӣ ва мундариҷавии “Маснавӣ дар васфи Сабғатуллоҳхон Мирсомон”»** ба таҳқиқи яке аз осори муҳимми Воқифи Лоҳурӣ бахшида шуда, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал - «Вижагиҳои композитсионии “Маснавӣ дар васфи Сабғатуллоҳхон Мирсомон”» масъалаи мухотаби шоир ва сохтори композитсионии асар мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси маълумоти таърихӣ шахсияти Мирсомонро тахминан муайян намуда, бо таҳлили сохторӣ нишон медиҳад, ки асар аз лиҳози шакл маснавӣ бошад ҳам, устухонбандии дохилии он ба сохтори қасида наздик аст. Дар он унсурҳои ташбиб, тахаллус ё гурез, мадҳ, дуо ва мақтаъ пайдарпай ҷой гирифтаанд. Ин хусусият яке аз натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳи таҳқиқ ба шумор меравад, зеро имкони ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи қолабҳои жанриро дар адабиёти тоҷик нишон медиҳад. Таҳлили қофия ва радиф низ нишон медиҳад, ки шоир аз ин унсурҳои шеърӣ ба таври сода, табиӣ ва мувофиқ ба мақсади асар истифода кардааст.

Фасли дуюм - «Мундариҷа ва унсурҳои тасвир дар “Маснавӣ дар васфи Сабғатуллоҳхон Мирсомон”» ба таҳлили муҳтавои асар ва воситаҳои тасвирӣ бахшида шудааст. Муайян мегардад, ки ҳадафи аслии маснавӣ баёни ҳолу аҳволи худи шоир ва дархости ёрӣ барои бозгашт ба ватан буда, мадҳи Мирсомон ҳамчун воситаи расидан ба ин мақсад хизмат мекунад. Мавзуъҳои ғарибӣ, дурӣ аз ватан, пирӣ, ниёзмандӣ, умед ба дастгирӣ, панду насиҳат ва ифтихор аз ҳунари суханварӣ дар асар ба ҳам омадаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки шоир бо вуҷуди сода будани забон ва воситаҳои бадеӣ тавонистааст чандин мавзуъро дар доираи як манзума ба таври органикӣ ба ҳам пайвандад.

Боби панҷуми диссертатсия ба таҳқиқи хусусиятҳои шаклӣ, сохторӣ ва мазмунии жанрҳои мухаммас ва тарҷеъбанд дар эҷодиёти Воқифи Лоҳурӣ бахшида шуда, **“Мушаххасоти шаклӣ ва мазмунии жанрҳои мухаммас ва тарҷеъбанди ашъори Воқифи Лоҳурӣ”** унвон гирифтааст ва аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввал хусусиятҳои қолабӣ ва композитсионии ягона мухаммаси шоир таҳлил гардида, муаллиф ба хулоса меояд, ки он аз 11 банд иборат буда, бо вазни дубайтӣ эҷод шудааст ва аз лиҳози қофиябандӣ ба шакли анъанавии мухаммас мувофиқат мекунад. Таҳлил инчунин нишон медиҳад, ки мухаммаси мазкур дар пайванди мантиқии бандҳо, истифодаи қофияву радиф ва тазмини ғазали худи шоир хусусиятҳои ҷолиби ҳунарӣ дошта, аз намунаҳои қобили таваҷҷуҳи мусамматофарии Воқифи Лоҳурӣ ба шумор меравад. Фасли дуюм ба мундариҷаи мухаммас бахшида шуда, мавзуи ишқ, бевафоии маъшуқа, иштибоҳи ошиқ дар интихоби ёр ва ҳолати рӯҳии субъекти лирикӣ таҳлил шудааст. Муаллиф тавассути таҳлили бандҳои алоҳида нишон медиҳад, ки шоир бо истифода аз киноя, тазод, ташбеҳ ва муроҷиат тавонистааст эҳсоси пушаймонӣ, ранҷу нокомии ошиқонаро муассир баён намояд. Фасли сеюм ба хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии тарҷеъбанд бахшида шудааст. Тарҷеъбанди Воқиф, ки аз 22 банд ва 246 байт иборат буда, мавзуи асосии он ишқу нокомии ошиқона, дарду ҳасрат ва шикоят аз бевафоии ёр мебошад, аз ҷиҳати сохторӣ ва мазмунӣ таҳқиқ гардидааст. Муаллиф пайванди мантиқӣ ва маъноии бандҳо, нақши байти тарҷеъ ва махсусиятҳои қофияву вазни асарро муайян намуда, таъсири бевоситаи тарҷеъбанди Саъдии Шерозӣ ба сохтор ва мазмуни тарҷеъбанди Воқифро бо муқоисаи мушаххаси бандҳо собит менамояд.

Дар анҷоми диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар шакли хулосаҳои мураттаб ҷамъбаст гардида, 36 нуктаи илмӣ пешниҳод шудаанд. Муаллиф дар заминаи таҳлилу муқоисаи сарчашмаҳо

маълумоти зиндагиномавӣ ва осори Воқифи Лоҳуриро мушаххас намуда, хусусиятҳои жанрӣ, шаклӣ, мавзуӣ ва бадеии ғазал, рубоӣ, маснавӣ, мухаммас ва тарҷеъбанди ӯро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Натиҷаҳои бадастомада аз он шаҳодат медиҳанд, ки Воқифи Лоҳурӣ дар баробари идомаи суннатҳои адабии классикӣ, дар корбасти қолабҳои шеърӣ, тасвири мазмун ва истифодаи имконоти жанрӣ дорои вижагиҳои ҳунарии хос буда, таҳқиқи мазкур дар шинохти ҷойгоҳ ва мероси адабии ӯ аҳаммияти назаррас дорад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик зиндагинома ва мероси адабии Воқифи Лоҳурӣ ба таври мукаммал таҳқиқ шуда, теъдод, хусусиятҳои шакливу мазмунӣ ва жанрии осори ду девони ӯ муайян ва таҳлил гардидааст. Ҳамчунин, жанрҳои ғазал, рубоӣ, маснавӣ, мухаммас ва тарҷеъбанд аз нигоҳи сохтор, мазмун ва вижагиҳои ҳунарӣ бори нахуст ба таври ҳамаҷониба мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Саҳми шахсии довталаб дар интихоби мавзуъ, ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳлили мустақили маводи илмӣ, муқоиса ва истифодаи сарчашмаҳои муътамад, инчунин интихоби матнҳои ашъори Воқифи Лоҳурӣ аз ду девони ӯ зоҳир гардида, натиҷаҳои асосии таҳқиқ маҳсули пажуҳиши фардии унвонҷӯй мебошанд.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия асоснок ва қобили татбиқ буда, натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар омӯзишу таҳқиқи таърихи адабиёти тоҷик дар Ҳиндустон, таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, корҳои илмии назарияи адабиёт ва пажуҳиши сабки ҳиндӣ ва ироқӣ истифода шаванд. Ҳамчунин, маводи диссертатсия барои таҳияи корҳои илмӣ, магистрӣ ва дипломӣ ва омӯзиши ҷанбаҳои забонӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ ва равонии ашъори Воқифи Лоҳурӣ аҳаммияти амалӣ дорад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар маърузаҳои илмӣ, конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ муаррифӣ гардида, дар маҷмуъ дар 1 монография ва 21 мақолаи илмӣ ба нашр расидаанд, ки тавассути онҳо натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия ба аҳли илм пешниҳод шудаанд. Автореферат мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос намуда, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва навгониҳои илмии таҳқиқро ба таври мухтасар фаро гирифтааст.

Бо дарназардошти андешаҳои боло, диссертатсияи **Асомиддинзода Шарофиддин** таҳти унвони **«Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси **6.2.15 - Адабиёти тоҷик,**

равобити адабӣ таҳия ва анҷом дода шудааст, кори илмии баанҷомрасида ва арзишманд буда, ба талаботи муқаррарагардида ҷавобгӯ ва сазовори ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ мебошад.

Мушовири илмӣ:
Доктори илмҳои филологӣ,
директори Институти илмҳои гуманитарии
ба номи академик Б.Искандарови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон **Қаландариён Ҳоким Сафар**

“11” августи соли 2026

Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ВКМБ, ш. Хоруғ,
кӯчаи Деҳотӣ 80, х 23.
E - mail: hokim1976@gmail.com
Тел.: (+992) 93 489 26 26.

«Имзои д.и.ф. Қаландариён Ҳоким Сафарро тасдиқ мекунам»:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
илмҳои гуманитарии ба номи академик
Б. Искандарови АМИТ **Искандаршоева З.**

“11” августи соли 2026

Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ВКМБ, ш. Хоруғ,
кӯчаи Усмон Холдоров, 4
Тел.: (+992) 934541166
E-mail: dilya.04.11@mail.ru